**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд. 102)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Абдулмуминзода Насимҷон Абдулмумин дар мавзуи «Рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулот дар соҳаи кишоварзӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит**

Кишоварзӣ соҳаи афзалиятноки бахши воқеии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста мешавад, чунки таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар аз рушди соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошад. Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар таъмини шуғли аҳолӣ низ бағоят калон буда, 60%-и шуғлдоштагони иқтисодиёти миллӣ ва 87%-и машғулини бахши воқеии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба соҳаи мазкур рост меояд. Дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти устувори идоракунӣ, аз ҷумла хадамоти баҳисобгирии идоракунӣ зич алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин, рушди баҳисобгирии идоракунӣ, коҳишдиҳии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ин замина, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи номбурда масъалаи мубрам дониста мешавад. Нуктаҳои зикршуда муҳимияти таҳқиқи рушди баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккулёбии арзиши аслии маҳсулоти соҳаи кишоварзиро тасдиқ менамоянд.

Аз шиносоӣ ба автореферати диссертатсия маълум гардид, ки боби якуми таҳқиқот асосҳои назариявию консептуалии ташкили баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзиро дар бар мегирад. Дар ин қисмат муҳаққиқ моҳияти баҳисобгирии идоракуниро муайян намуда, заминаҳои ташаккули консепсияи баҳисобгирии идоракунӣ ва нақши калидии онро дар низоми иттилоотии корхонаҳои кишоварзӣ

асоснок ва таснифоти муаллифии хароҷоти истеҳсолоти кишоварзиро таҳия кардааст.

Дар боби дуюм вазъи муосири ташкили баҳисобгирии идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ омӯхта шуда, асосҳои методӣ ва ҷараёни ташкили баҳисобгирии идоракунии хароҷоти меҳнатию моддии корхонаҳои кишоварзӣ таҳлил гардида, ҳолати баҳисобгирии идоракунии хароҷоти истифодабарии воситаҳои асосии истеҳсолоти кишоварзӣ арзёбӣ ва тамоюли рушди он муайян карда шудааст.

Боби сеюми таҳқиқот рушди методикаи баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии корхонаҳои кишоварзиро дар бар мегирад. Дар ин боб самтҳои бартаридоштаи рушди методикаи баҳисобгирии идоракунии хароҷот ва такмили таъминоти иттилоотии он ҳамчун асоси ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти кишоварзӣ таҳқиқ карда шудааст.

Автореферат фишурдаи матни диссертатсияро оид ба таснифоти хароҷот ва ҳиссаи музди меҳнат дар арзиши аслии 1 сентнер маҳсулот, амсилаи вобастагии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, ташаккули фонди музди меҳнат ва методикаи муайянкунии андозаи фонди музди меҳнати корхонаҳои кишоварзӣ, тарҳи умумии ҷараёнҳои иттилоотӣ дар амсилаи идоракунии хароҷот дар ҶДММ «Латиф Муродов» ва амсилаи ташкили марказҳои масъулиятро аз рӯйи маконҳои пайдошавии хароҷот дар корхонаҳои кишоварзӣ дар бар мегирад.

Хулосаи автореферати диссертатсия натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот ва тавсияҳоро оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои он дар бар мегирад, ки ба вазифаҳои гузошташуда ва навгониҳои ба даст овардашуда ҳамоҳанг мебошад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ автореферати тақризшаванда дорои камбудиҳои зерин мебошад:

1.Расми 2, ки тарҳи умумии ҷараёнҳои иттилоотӣ дар амсилаи идоракунии хароҷот дар ҶДММ «Латиф Муродов» унвон гирифтааст, дар сатҳи зарурӣ шарҳ дода нашудааст.

2.Хуб мешуд, агар сарчашмаҳои адабиёт, ки дар асоси онҳо муаллиф ҷадвалҳо ва расмҳоро таҳия кардааст, дақиқтар мебуд.

Камбудиҳои қайдшуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии автреферат ва диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва автореферат

нуктаҳои асосии диссертатсияро низ инъикос менамояд. Автореферат ба ҳамаи талаботи санадҳои меъёрӣ, аз ҷумла “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ҷавобгӯ мебошад. Чунин меҳисобем, ки муаллифи таҳқикот сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 - Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ
ва омори Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон

Қудратов Р.Р.
(Раҳматзода Рустам)

Имзои Қудратов Р.Р.
(Раҳматзода Рустам) -ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия
ва иқтисоди Тоҷикистон Шарипов У.А.

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
**Суроға:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14
**Тел:** (+992) 555 022 000
**Почта:** r.qudratov@tgfeu.tj